Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирзоев Қобилҷон Холмуродович дар мавзуи «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ва муқовимат бо он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ Мирзоев Қобилҷон Холмуродович «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ ва муқовимат бо он» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад.

Ҳуқуқ ба моликият яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд мебошад, ки дар моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мустаҳкам гардидааст, инчунин, дар санадҳои муҳимми ҳуқуқии байналмилалӣ низ дарҷ гардидааст. Тибиқи моддаи мазкур хар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Дар баробари ин, муқаррароти зикршуда тақвияти худро дар қисми 1 моддаи 17 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар пайдо намудааст, ки тибқи он ҳар як инсон ҳақ дорад амволро чи шахсан ва чи якҷоя бо дигарон ихтиёрдорӣ намояд. Бо назардошти муқаррароти мазкури Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи моликият аз ҷумлаи вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, дар қисми 1 моддаи 2 КҶ ҶТ мустаҳкам шуда, боби 26 КҶ ҶТ “Ҷиноятҳо ба муқобили моликият” номгузорӣ гардидааст.

Таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқҳои моликияти шахс на танҳо аз мустаҳкам шудани ҳифзи онҳо дар КҶ ҶТ, балки аз фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобастагии калон дорад.

Ғоратгарӣ ҳар чӣ бештар бо ҳолатҳои вазнинкунанда: бо роҳи ғайриқонунӣ ворид шудан ба манзил, аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, ба миқдори калон содир мешаванд. Ҳолатҳои зикршуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки чораҳои пешгирии ғоратгарӣ то ҳанӯз пурра ва самаранок ҳисоб намешаванд.

Аз ин ҷо зарурати омӯзиши иловагии вазъи танзими қонунгузории таркиби ҷинояти мазкур ва ҷавобгарӣ барои содирнамоии он, такмил

додани амалияи дахлдори ҳуқуқтатбиқнамой, баланд бардоштани фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба пешгирии ғоратгарӣ зарур мебошад.

Ҳамзамон дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамой масъалаҳои зиёди баҳснок вобаста ба бандубасти кирдорҳои дорои аломати ғоратгарӣ пайдо мешаванд. Ин пеш аз ҳама ба проблемаҳои фарқгузорӣ намудани ғоратгарӣ аз таркиби ҷиноятҳои муҷовир ба монандӣ дуздӣ, роҳзанӣ ва ғайра дахл дорад. Дар амалия ҳолатҳое дучор мегарданд, ки кирдор дар аввал ҳамчун роҳзанӣ бандубаст гардида баъдан ҳамчун ғоратгарӣ аз сари нав бандубаст карда мешавад ё баръакс. Чунин ҳолат ба таносуби таркиби ғоратгарӣ ва дуздӣ низ таалluқ дорад. Дар баъзе ҳолатҳо саҳв нисбати бандубаст ҳангоми баҳои нодуруст додан ба шиддатнокиву дараҷаи зӯроварӣ, ки ҳангоми гирифтани молу мулки ғайр истифода мешавад, инчунин нодуруст баҳо додан ба усули содир намудани тасарруф (пинҳонӣ ё ошкоро) ҷой дорад. Дар баробари ин масъалаҳои зӯроварии руҳӣ низ, масалан ҳангоми намоишдиҳии кастетҳо, макети силоҳи оташфишон ба таври гуногун маънидод мешавад. Аз нигоҳи илмӣ таҳлили навро инчунин масъалаҳои муқаррар ва татбиқ намудани аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ғоратгарӣ талаб месозанд.

Дар соҳаи пешгирии ғоратгарӣ мушкилиҳои зиёд низ ҷой доранд, аз ҷумла то ҳадди кофӣ маълум нест, ки системаи пешгирии ҷиноятҳои молу мулкӣ бояд чӣ тавр бошанд. Бинобар ин, фаъолияти сохторҳои давлатӣ, бахусус фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар самти пешгирии ғоратгарӣ таҳлил ва омузиши ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Дар баробари ин, барои ташкили пешгирии ғоратгарӣ омӯиши тавсифи криминологии он, муайян намудани шакл ва усулҳои чораҳои пешгирии ҷинояти мазкур зарур мебошанд.

Ғайр аз ин бояд зикр намуд, ки дар КҶ ҶТ бояд таҷрибаи батанзимдарории таркиби ҷинояти ғоратгарӣ, ки дар давлатҳои дигар ҷой дорад ба инобат гирифта шуда, ҷиҳатҳои мусбии он дар такмил додани таркиби ҷинояти мазкур дар КҶ ҶТ истифода шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳими қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи диссертант масъалаҳои ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқи – ҷиноятӣ ва муқовимат бо он, арзёбӣ шудаанд. Маҳз дар ин бора дар натиҷаи таҳқиқоти худ Мирзоев Қобилҷон Холмуродович хулосабарорӣ намудааст, ки он қобили дастгирӣ мебошад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмуии аломатҳои таркиби ғоратгарӣ ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки ғайр, омӯзиши амалияи тафтишотӣ ва судӣ доир ба бандубасти ин кирдор, шакл ва усулҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти пешгирии ин намуди ҷиноят ва коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ, ки барои баланд бардоштани самаранокии чораҳои пешгирии ғоратгарӣ равона шудаанд.

Дар робита ба мақсади тадқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқаррар шудаанд, ки ҳалли назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну мухтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла:

– омӯзиши батанзимдарории ҳуқуқии ҷинояти ғоратгарӣ ҳамчун ҷинояти муқобили моликият ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он дар марҳилаҳои гуногуни таърихи ҶТ;

– гузаронидани таҳлили тасаруфи молу мулки ғайр бо аломатҳои ҷинояти ғоратгарӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои хориҷӣ;

– таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷинояти ғоратгарӣ;

– баррасии аломатҳои вазнинкунандаи ғоратгарӣ ва татбиқи он дар таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ;

– таҳлили сабабҳои содиршавии ҷинояти ғоратгарӣ ва тавсифи ҳуқуқӣ-иҷтимоии онҳо;

– коркард ва пешниҳоди чораҳои умумӣ, иҷтимоӣ ва махсуси пешгрии ҷинояти ғоратгарӣ;

– омӯзиши ташкил ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид муқовимат ба ҷинояти ғоратгарӣ;

**Объекти тадқиқот диссертатсионӣ.** Объекти тадқиқот он муносибатҳои ҷамъиятие ба шумор меравaнд, ки вобаста ба содиршавии ғоратгарӣ ҳамчун шакли тасарруфи молу мулки ғайр, инчунин такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи тадқиқоти диссертатсиониро таҳлил ва арзёбии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои ғоратгарӣ, аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят, тамоили инкишоф ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ марбут ба ғоратгарӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт, инчунин чораҳои пешгирии содиршавии ҷинояти мазкур дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар** он зоҳир мегардад, ки баъди қабули **КҶ ҶТ** соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин

тадқиқоти маҷмуие мебошад, ки ба тадқиқоти низомноки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти ғоратгарӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷи наздик (давлатҳои аъзои ИДМ) ва кишварҳои хориҷи дур (Олмон, Эстония, Латвия, Литва, Испания, Шветсия, Шветсария, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва ғ.) оид ба ҷинояти таҳқиқшаванда, фарқияти ин ҷиноят аз таркибҳои ба он монанд ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи мафҳуму моҳияти ғоратгарӣ сурат гирифта, мазмуну муҳтавои аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда муайян карда шуда, ҷиҳати такмили м. 248 КҶ ҶТ тавассути ворид намудани тағйирот ба аломатҳои бандубастшаванда, чораҳои пешгирии содиршавии ҷинояти мазкур пешниҳодҳои асоснок ироа гардидааст. Навгонии дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама дар пешниҳодҳои илман асосёфта аз ҷониби муаллиф доир ба таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи ғоратгарӣ, бахусус бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон, такроран содир намудани он, бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил, бино ва дигар анборхона содир намудани ин ҷиноят ифода меёбад. Ба назари эътибор гирифтани навгониҳои диссертатсия имконият медиҳанд, ки хусусияти латентии (рӯйпушшавии) ҷинояти м. 248 КҶ ҶТ дар воқеияти ҳаёт аз байн равад ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мубориза шадидро бо ҷинояткорӣ дар самти ҳифзи моликият тақвият бахшанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ методологияи он ба принсипҳои усули диалектикии маърифат асос ёфтааст. Дар рафти таҳқиқот методҳои махсуси илмӣ вобаста ба омӯзиши таҷрибаи таърихии батанзимдарории ғоратгарӣ; расмӣ-мантиқӣ, ки дар таҳлили ҷузъии аломатҳои дар қонун нишондодашудаи таркиби ғоратгарӣ ифода гардидаанд; муқоисавию ҳуқуқӣ, ки дар таҳлили қонунгузории баъзе аз давлатҳои хориҷӣ дар масъалаи батанзимдарории ғоратгарӣ ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он истифода шудаанд; методи ҳуҷҷатнигорӣ–интихоб кардан ва омузиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба бандубасти ғоратгарӣ; методи оморӣ, ки аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ дар бораи содиршавии ғоратгарӣ иборат мебошад, истифода шудаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсиониро пажуҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои

тадқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ, фарқияти ин ҷиноят аз таркиби дигар ҷиноятҳо ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Гузашта аз ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми тадқиқоти минбаъдаи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғоратгарӣ аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Хамин тавр, аз руи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳкикоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳукуки ҷиноятӣ ва конунгузории ҷиноятӣ саҳми сазоворро гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳукуктатбиккунӣ ёрӣ расонад. Ахамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи муносибаҳои молкиятӣ ҳангоми татбиқи м. 248 КҶ ҶТ дар амалияи макомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифоти ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, тадқиқоти мазкур метавонад дар раванди пешгирии ғоратгарӣ ва интихоб намудани чораҳои мубораза ба он мусоидат намояд.

Маводи тахқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои хуқуқшиносӣ-ҳуқуқи ҷиноятӣ, банду басти ҷиноятҳо ба муқобили моликият, асосҳои илмии банду басти ҷиноятҳо, криминология истифода шавад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб ва ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 229 саҳифаро дар бар мегирад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушд ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми бориз дошта бошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Қобилҷон Холмуродович «Ғоратгарӣ: масоили танзими ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ва муқовимат бо он» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08–Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи**
**ҷиноятӣ ва муқовимат бо**
**коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шарипов Т.Ш.**

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 918408600

**Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«26» 09 2022 с.**